Тасдиқ мекунам,
Раиси Шӯро - Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон

***Имзо***

ПРОТОКОЛИ № 1k/22-1
ҷаласаи XXII Шӯрои машваратии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар
кардани фазои сармоягузорӣ аз 16 марти соли 2022

Дар ҷаласа аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони даъватшуда иштирок карданд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Доир ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ.
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳо оид ба рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Истифодаи воситаҳои муосири рушди соҳибкории бонувон ва ҷавонон.
4. Оид ба пешниҳоди мавзӯи "Таъмини рушди устувори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя барои саноатикунонии босуръати кишвар" ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XXII Шӯрои машваратиро оғоз намуда, нахуст аъзои нави Шӯро аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва шарикони рушдро муаррифӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки раванди ислоҳот тавассути муколамаи озоди байни давлат ва бахши хусусӣ бо баргузории ҷаласаҳои Шӯро мунтазам вусъат ёфта истодааст.

Дар ин замина, фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ташкили низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, шомилшавии Тоҷикистон ба конвенсияҳои байналмилалӣ, таъсиси рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон, роҳандозии хизматрасониҳои электронӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ва ислоҳоти дигар натиҷаи фаъолияти самараноки Шӯро арзёбӣ гардид.

Ҳамчунин, Президенти мамлакат масъалаҳои бартараф намудани монеаҳоро дар фаъолияти бахши хусусӣ вобаста ба санҷишҳои беасос аз ҷониби баъзе мақомот қайд намуданд. Тавре таъкид карда шуд, вазифаи асосии мақомоти дахлдор на танҳо ҷаримабандӣ, балки ҳамкорию мусоидат барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳуқуқвайронкуниҳои субъектҳо буда, натиҷаи фаъолияти мақомот ҳамон вақт мусбӣ арзёбӣ мегардад, ки дар соҳа шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо коҳиш ёбад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъ вобаста ба шиддатёбии шароити геосиёсии ҷаҳон, авҷ гирифтани низоъҳои тиҷоратӣ, болоравии нархи молу маҳсулот дар ҷаҳон, хусусан, маводи озуқаворӣ ва сӯзишворӣ, ҷорӣ гардидани маҳдудиятҳо дар шабакаҳои логистикии интиқоли молу маҳсулот ва таъсири дигар омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон қайд намуданд.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа, гузориши Котиби масъули Шӯро, Саъдӣ Қодирзода шунида шуд.

Тавре қайд гардид, қарорҳои дар ҷаласаи гузаштаи Шӯрои машваратӣ қабулгардида ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, аз ҷумла мукаммал намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содироти бештари маҳсулот, рушди тиҷорати электронӣ, таъсиси марказҳои логистикӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рушди соҳибкорию сармоягузорӣ равона гардида, дар маҷмуъ иҷро карда шуданд.

Тибқи банди дуюми рӯзнома, гузориш ва муаррифномаи Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саъдӣ Қодирзода манзур гардид.

Қайд карда шуд, ки таҳлили тиҷорати электронӣ ду бахши асосии соҳа, таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими тиҷорати электронӣ ва заминаи бозории рушди соҳаи мазкур дар ҷумҳуриро дар бар гирифтааст. Дар робита ба масъалаи зикргардида як қатор тавсияҳо пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба банди сеюми рӯзнома, роҳбари ҶДММ “Шафқат”, Манзура Ғафурова ва роҳбари Намояндагии БАТР дар Тоҷикистон, Рика Ишии атрофи масъалаҳои дастгирӣ ва таъмини рушди соҳибкории бонувону ҷавонон, нақшаҳои минбаъда, тадбирҳо ҷиҳати таҳия ва амалисозии барномаи рушди соҳибкории бонувон ибрози назар намуданд.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, намояндаи бахши хусусӣ, роҳбари ҶДММ “Асрори санг” Далер Шарифӣ баромад карда, мавзуи таъмини рушди устувори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя барои саноатикунонии босуръати кишварро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намуд, ки аз ҷониби аъзои Шӯрои машваратӣ ҷонибдорӣ гардид.

Дар баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа, инчунин Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон Сезин Синаноглу, Роҳбари Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон Ленни Монтиел, Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Озан Севимли, роҳбари ҶДММ "Корвони Аср" Абдулло Ҳасанов, роҳбари ҶДММ "Инноватсия дар технологияи муосир" Фаррух Солеҳов баромад карда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои баррасишуда иброз намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулин ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зерин доданд:

1. Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯро якҷо бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025-ро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии қонунгузорӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор барои ҳарчи зудтар таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тиҷорати электронӣ" бо фарогирии талабот, қоидаҳо ва тартиби ташкили фаъолият дар ин соҳа тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади таъмини рушди ҳамаҷонибаи тиҷорати электронӣ дар кишвар лоиҳаи Стратегияи рушди тиҷорати электронӣ ва барномаи амал оид ба татбиқи онро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

4. Кумитаи андоз ҷиҳати соддагардонии ҷараёни барҳамдиҳӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути васеъ намудани рақамикунонии хизматрасониҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ андешад.

5. Вазорати маориф ва илм:

- якҷо бо дигар мақомоти дахлдор барномаҳои таълимиро вобаста ба омӯзиши васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳарчи зудтар такмил диҳад;

- барои таҳия ва татбиқи барномаи омодасозии кадрҳои соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосири таълим тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

6. Бонки миллӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади васеъгардонии дастрасии бонувони соҳибкор ба захираҳои молиявии

арзон, ҷиҳати баргузории озмуни “Ташкилоти беҳтарини молиявӣ оид ба хизматрасониҳо ба соҳибкории бонувон” мунтазам тадбирҳо андешад.

7. Вазорату идораҳои дахлдор:

- ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ дар робита ба коҳиш додани ҷаримабандиҳо, хусусан роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тақвияти низоми электронии хизматрасонӣ тадбирҳои зарурииро амалӣ намоянд;

- дар раванди амалисозии тиҷорати электронӣ, монеаҳои мавҷударо бо истифодаи васеи имкониятҳои низоми бонкӣ ва алоқа бартараф намуда, чораҳои самараноки гузариши муназзам аз низоми анъанавӣ ба низоми рақамиро таъмин созанд;

- ҷиҳати ҳарчӣ бештар ҳавасманд кардани соҳибкорону аҳолӣ барои амалиётҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути анҷом додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ, пешниҳоди бонусҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои бонкию алоқа, истифодаи васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, ҷорӣ намудани расидҳои электронӣ ва дигар самтҳо тадбирҳо андешанд;

- амнияти иттилоотӣ ва бехатарии кибериро дар ҳама соҳаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ таъмин намоянд.

8. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба таъсис ва фаъолияти паркҳои технологияҳои иттилоотӣ чораҷӯӣ намоянд.

9. Вазорату идораҳо, шӯроҳои соҳибкориву сармоягузории назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати боз ҳам афзун намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт чораҳои иловагӣ андешанд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:

- якҷо бо котиботи Шӯро ва ҷалби вазорату идораҳо лоиҳаи Барномаи рушди соҳибкории бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро таҳия ва пешниҳод намояд;

- оид ба таъсиси Фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои навоғозшавандаи ҷавонон, ки аз ҳисоби сармоягузориҳо ташаккул меёбад, пешниҳоди мушаххас манзур намояд;

- якҷо бо котиботи Шӯро бо мақсади таъмини иштироки боз ҳам фаъоли сармоягузорони хориҷӣ дар баррасӣ ва қабули қарорҳои Шӯро, ҷиҳати зиёд намудани шумораи намояндагони онҳо дар ҳайати Шӯрои машваратӣ тадбирҳои зарурииро амалӣ созад;

- якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ намунаи ягонаи шартномаи ҳамкорӣ оид ба сармоягузориро таҳия намуда, барои истифодаи васеи механизми шарикии давлату бахши хусусӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бештар дар ин самт чораҳои зарурӣ андешад;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти ассосиатсияҳои соҳибкории бонувону ҷавонон ва марказҳои омузишӣ ҷиҳати баланд бардоштани донишу малакаи соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкории бонувону ҷавонон чораҷуӣ намояд;

- якҷо бо котиботи Шӯро ва дигар вазорату идораҳо вобаста ба масъалаҳои таъмини рушди устувори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя барои саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин дар хусуси боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти соҳибкории ҷавонон таҳлилҳо гузаронида, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро манзур намояд;

11. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:

- бинобар шиддатёбии вазъи геосиёсии ҷаҳон, авҷ гирифтани низоъҳои тиҷоратӣ, болоравии нархи молу маҳсулот дар ҷаҳон, хусусан, маводи озуқаворӣ ва сӯзишворӣ, ҷорӣ гардидани маҳдудиятҳо дар шабакаҳои логистикии интиқоли молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон, тавассути мукаммал намудани барномаву нақшаҳо ҷиҳати афзоиш додани кумакҳо дар самти кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди кишвар, дастгирии буҷети давлатӣ, татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва маблағгузории ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон чораҳои таъхирнопазир андешанд.

- ҷиҳати таъсиси Фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои навоғозшавандаи ҷавонон мусоидат намоянд;

- барои тақвият бахшидани самаранокии фаъолияти ассосиатсияҳои соҳибкории бонувону ҷавонон ва марказҳои омузишӣ, баланд бардоштани донишу малакаи соҳибкории бонувону ҷавонон бо амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бахусус дар самти истеҳсолӣ мусоидат намоянд.

12. Ҳайати нави аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ, сармоягузорони хориҷӣ ва шарикони рушд тасдиқ карда шавад.

Котиби масъули Шӯро,
Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Қодирзода ***Имзо***

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба беҳтар кардани фазои
сармоягузорӣ Н. Абдуғаффорзода ***Имзо***